**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1)**

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Хусаинова Шахнура Маноновна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои 1924-1937» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Хуҷанд, 2026)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Хусаинова Шахнура Маноновна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои 1924-1937» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Масоили марбут ба ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои 1924-1937 ва умуман дар таърихи давлатдории тоҷикон яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, таърихи мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистон то имрӯз ба таври маҷмӯйи ва ҷудогона ба таври куллӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтааст. Рисолаҳои диссертатсионӣ, китобҳои дарсӣ ва ва як қатор сарчашмаҳои илмӣ вуҷуд дорад, ки ба масоили мубрами як ё якчанд мақомоти давлатӣ ва ё ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудаанд, вале корҳои маҷмӯӣи кам ба мушоҳида мерасад. Қайд намудан лозим аст, ки танҳо омӯзиши ҳаматарафаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, замина ва механизмҳои амали он, инчунин доираи салоҳият ва вазифаҳои он метавонад дар робита бо фаъолияти дигар мақомоту муасисаҳои давлатӣ тасаввурот оид ба фаъолияти ҳокимияти давлатиро дар ин ё он марҳилаи таърихӣ ошкор созад. Ғайр аз ин, мавҷудияти заминаҳои кадриву маблағгузорӣ, воситаҳои дигари ҳокимияти метавонад замина барои фаъолияти пурмаҳсули ин ё он мақомот гардад. Дар заминаи таъсири омилҳои гуногун ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро ба роҳ монда муносибатҳои ҷамъиятиро мавриди идора, роҳбарӣ ва танзим қарор медиҳад. Самаранокии фаъолияти

ҳокимияти давлатӣ дар аксар мавридд аз низоми мураттаби мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста мебошад, ки он дар навбати худ механизми амалисозии салоҳиятҳои қудратии давлат маҳсуб мегардад. Аз ин нуктаи назар, омӯзиш ва мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додани масоили бахшида ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқии давлат мавзуи мубрамми илмӣ ба шумор рафта, метавонад саҳифаҳои ноқиси таърихи мақомотҳоро комил гардонад. Аз ин лиҳоз, мавзуи пешниҳодгардида, мавзуи мубрамми илмӣ ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, механизмҳои таъсиррасон ба он, инчунин омилҳои рушди онҳо мебошад. Мақсади асосии тадқиқот, таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии принсипҳои ташкилӣ, мундарича ва ҳадафи функционалии низоми ҳифзи ҳуқуқ, ҷанбаи меъёрии фаъолияти мақомотҳои мазкур муайян шудааст. Вобаста ба ин вазифаҳои мушаххас дар назди муҳаққиқ гузошта шудаанд. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ дуруст муайян шудаанд.

Навгонии тадқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки ин яке аз аввалин таҳқиқотҳои амиқ ва комил дар робита ба қонунгузории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб мегардад. Унвонҷӯ маводи ғании вобаста ба танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Инчунин низоми қонунгузории марҳилаи шуравӣ ва таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, тамоюли рушди қонунгузорӣ дар самти танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ошкор карда шудааст.

Навгониҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз ҷумла, даврабандии таърихи рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳод шудааст, лоиқи дастгирӣ мебошад, чунки махсусияти рушди мақомоти мазкурро дар марҳилаҳои мушаххас ошкор ва исбот менамояд.

Тавсияҳои унвонҷӯ оид ба такмили қонунгузорӣ диққатҷалбкунанда мебошанд. Унвонҷу тавсия намудааст, ки мафҳумҳои бунёдии фарогирандаи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти прокуратура дар қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бояд ворид карда шавад, чунки мафҳумҳои мавҷуда вобаста ба ҳаҷм ва доираи танзим кифоя нестанд.

Пешниҳод шудааст, ки барои мувофиқат намудани қонунгузорӣ ба қисми дуюми моддаи 5-уми қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ тағйирот ворид карда шавад“.

Ҳамин гуна тағйирот ба қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” тавсия карда мешавад. Албатта, меъёр – дефинитсияҳо ва меъёр-мафҳумҳо дар ошкор намудани мазмун ва моҳияти қоидаҳои рафтор нақши муҳим доранд ва бояд дар

қонун ва кодексҳо ба таври муфассал мазмуни ҳар як мафҳуми асосӣ ошкор карда шавад. Ин тавсия лоиқи дастгирӣ мебошад.

Тавсияи чоруми унвонҷӯ низ қобили қабул мебошад, чунки мавҷудияти "Стратегияи дурнамои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дар оянда самти дуруст гирифтани таҳаввулот ва рушди онҳо заминагузор аст. Барномаи рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи муҳимтарини фаъолияти онҳо мебошад, чунки дурнамои тараққиёти онҳоро муайян намуда, омили мутобиқ намудани фаъолияти мақомот ба рушди муосири кишвар мегардад.

Дар умум, навгонии тадқиқот, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, барои таҳқиқи илмӣ ва амиқи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсири он дар шароити таърихӣ ва ҳуқуқии шӯравӣ ва таҳаввулоти он дар замони муосир кӯшиш мекунад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои ин таҳқиқот бар асоси натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъсири он дар давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ сурат гирифтааст. Ҳамин тариқ, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар рушди навгониҳои илмии таҳқиқот ва пешниҳодҳои таҳқиқоти мавриди баррасӣ, ки дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои конференсияҳои миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, ҳамчун аҳаммиятнок ва муҳим хидмат мекунад. Ин мақолаҳо ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ асос ёфтаанд.

Нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар он пешниҳодот ва хулосаҳои шахсии муаллиф дар масъалаи ташаккул ва таҳаввулоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар қонунгузории Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, дар таҳқиқоти мазкур, ҳамзамон дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо пешниҳод шудаанд. Муаллиф инчунин ба таҳлили масъалаҳои ҷорӣ дар қонунгузорӣ ва такмил додани он дар заминаи ҳуқуқи муосир ва таърихи шӯравӣ ба роҳ монда, навгониҳои назаррасро пешниҳод намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили ҳамаҷониба ва дурустии баррасии масъалаҳо дар равишҳои назариявӣ ва амалӣ асос меёбад. Ин таҳлилҳо, ки ба омӯхтани паҳлуҳои мухталифи ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъсири қонунгузории шӯравӣ ва муосир ба он равона шудаанд, натиҷаҳои амиқ ва боэътимоди илмиро ба вуҷуд овардаанд. Дар баробари ин, тадқиқот дар баробари таҳлили муқоисавии қонунгузории миллии Тоҷикистон ва қонунгузориҳои кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тавсияҳо ва хулосаҳои назариявӣ ва амалии муаллифро пешниҳод мекунад.

Дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, мубрамияти мавзуъ ва мақсад, вазифаҳо ва асосҳои методологӣ дар тахқиқот ба таври аниқ асоснок карда мешаванд. Сатҳи тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин пешниҳоди натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳо барои дурнамои рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон ба таври мушаххас тасвир шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии ҳуқуқии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми мақомоте, ки онро амалӣ менамоянд»** ном гирифта, дар он масъалаҳои асосҳои назариявӣ-методологии аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми он “Мафҳум ва аҳаммияти илмии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ” ба ошкор намудани мафҳуми асосии самти таҳқиқ мафҳуми ”фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” ва “мақомоти ҳифзи ҳуқуқ” бахшида шуда, сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ дар бораи ин мафҳумҳо омӯзиш ва таҳлили илмӣ шудааст. Унвонҷӯ таърифи додаи ҳар як муаллифро оид ба мафҳумҳои асосӣ мавриди таҳлил қарор дода, кӯшиш намудааст, ки мазмуни аслии онҳоро ошкор намояд. Дар баробари ин аҳаммияти омӯзиши мафҳумҳои мазкур барои илм муайян карда шудааст. Дар зербоби дуюми боби якум тавсифи умумии низоми ҳифзи ҳуқуқ дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Ташкилёбии низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1930”** аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби якуми он асосҳои ҳуқуқии ташкилёбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ карда мешаванд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд мегардад, ки дар марҳилаи мазкур дар таърихи нави давлатдории тоҷикон аввалин маротиба қонунгузории мусбӣ фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро танзим намуда, салоҳият, намуд, масоили ташкилӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, салоҳият ва масъулияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мушаххасан муқаррар намуд. Инчунин, вобаста ба рушди ҳокимияти шуравӣ ва мақоми он дар ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳқикот анҷом дода шудааст. Дар зербоби дуюми боби дуюм бо номи “Ташкилёбии низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ” раванди расмии таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳқиқ шудааст.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ бо номи **«Ташаккулёбии низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 1930-1937»** ду зербобро дар бар гирифта, дар зербоби якуми он масоили асосҳои ҳуқуқии ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 1930-1937 таҳлил гардидааст. Унвонҷӯ масоили мушкилоти ташкил ва фаъолияти мақомоти алоҳидаи мақомоти ҳифзи ҳуқукро таҳлил ва баҳогузорӣ намудааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки марҳилаи мазкур дар ҳаёти халқи шуравӣ аҳаммияти махсус дошта, он заминаи рушди давлатдории шуравӣ ва Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 гардид. Панҷсолаҳои рушд, ки дар як чаҳиш империяи феодалии Русияро ба давлати пешқадами сотсалистӣ табдил дод (Азҷумла бо иштироки ҶШС Тоҷикистон ) ва

дар ташаккули давлатдорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши бузург бозид. Аз ҷониби дигар, расман гузариш аз речаи диктатураи пролетариат ба давлати сотсиалистӣ эълон шуда бошад ҳам, вале диктатураи шахсӣ, дар симои Котиби Генералии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ оғоз гардид. Табиист, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давоми то оғози ҷанг таъқибу нест кардани "душманони миллат"-ро давом медоданд. Дар зербоби дуюми боби сеюм, ки ба масоили такмил ва таҳкими низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудааст, такмили сохторӣ ва мазмуни фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар марҳилаи таҳти омӯзиш таҳқиқ гардида, махсусият ва моҳияту мазмуни ин тағйиротҳо ошкор карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кӯмак мерасонад. Аз ҷумла, масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар самти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳтар кардани фаъолияти ин мақомот, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар баробари таҳлил ва арзёбии амиқ қарор мегиранд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба он вобаста аст, ки натиҷаҳои диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии вобаста ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин маълумоти нав ва маводҳои илмии замонавӣ дар соҳаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи маъмурӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва як қатор курсҳои махсус медиҳад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада метавонанд дар ҳалли як қатор мушкилоти мавҷуд дар илмҳои номбурда дар умум истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот, аз ҷониби дигар, дар он зоҳир мегардад, ки хулосаву пешниҳодҳои дар натиҷаи тадқиқот бадастомада дар фаъолияти ҳуқуқэҷод-кунӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти кишвар истифода мешаванд. Ин хулосаҳо метавонанд дар масъалаҳои марбут ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барои таҳрири як қатор қонунҳо, аз ҷумла қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, таҳияи стратегия ва консепсияҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур истифода шаванд. Ба ин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот барои амалӣ кардани тағйирот дар қонунгузорӣ ва ташаккули мақомоти давлатӣ аҳамияти бузург доранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 13 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Шумораи маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баъзе ҳолатҳои баҳсталаб ва камбудиҳои имлоӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои илмии зиёд ба назар мерасад, вале унвонҷӯ кушиш намудааст, ки бо методологияи даврабандии таърихии мавод ва тавсияҳои такмили қонунгузорӣ ва тавсияҳо барои тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда қаноат намояд. Албатта, ин тарзи пешниҳоди навгониҳо худ як шакли нав ва баҳсталаб аст.

2. Дар саҳифаи 143 унвонҷӯ хулоса намудааст, ки "пас аз Инқилоби Октябр ва таъсиси ҶМШСТ Тоҷикистон (1917-1924) дар сарзамини Тоҷикистон низоми мустақили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вуҷуд надошт, яъне дар он давр он ҳолате қарор дошт, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар маънои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд наомада буданд, зикр кардан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон шакли давлатдорӣ дар қолаби муайян ҷой надошт", ки тавзеҳи васеътари илмиро талаб мекунад.

3. Дар саҳифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ камбудиҳои имлоӣ ва орфографӣ мушоҳида мегардад.

Эродҳо ва андешаҳои баҳсталаби зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсиргузор нестанд. Муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия метавонад андешаи худро асоснок намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Хусаинова Шахнура Маноновна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои 1924-1937» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусаинова Шаҳнура Манонoвна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар солҳои 1924-1937» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б.
«12» марти с.2026

734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ,19,
Тел: (992) 372 21-65-72; (992) 372 21 65-85,
Тел. мобилӣ: (992) 907-82-90-91
Эл. почта: buriev-68@mail.ru

**Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.
«12» марти с.2026